European Journal of Interdisciplinary Research and Development
Volume- 40 June- 2025
Website: www.ejird.journalspark.org ISSN (E): 2720-5746

# COMMON ASPECTS OF THE CREATIVE WORKS OF IMAM GHAZALI AND AHMAD DONISH

Faridun Yuldashov
Doctoral Student (PhD) of Sharof Rashidov Samarkand State University
Тел: (93) 430-33-33.
faridun.yuldashov.1989@mail.ru
https://orcid.org/0009-0007-4511-0480

**Abstract**
This document presents an abstract discussing the influence of Imam Ghazali (1053-1111) on subsequent thinkers, particularly Ahmad Donish (1827-1897). Imam Ghazali, renowned for his works on religion, philosophy, logic, Sufism, theology, ethics, and state policy, had a significant impact on the worldviews of various writers and thinkers who came after him. The abstract specifically focuses on the similarities between Ghazali's 'Kimyoi saodat' ('Chemistry of Happiness') and Donish's 'Navodir ul-vaqoe'.
'Kimyoi Saodat', written in Persian in the 5th century AH, is a famous Sufi and religious book covering various religious, mystical, and ethical issues. On the other hand, 'Navodir ul-vaqoe' by Ahmad Donish addresses philosophical, socio-political, and ethical topics, including family rights and relationships. The abstract indicates that there are numerous common aspects in the moral, social, philosophical, and religious ideas of these two great thinkers. It suggests that Ahmad Donish likely drew inspiration from past thinkers, including Imam Ghazali, when expressing his views on life, death, family matters, and marital relations.
An interesting insight from this abstract is the enduring influence of Imam Ghazali's work across centuries. Despite the significant time gap between Ghazali (11th century) and Donish (19th century), their works show remarkable similarities in addressing fundamental human concerns. This suggests a continuity of thought in Islamic philosophy and ethics, where newer thinkers build upon and adapt the ideas of their predecessors to address the issues of their time. The abstract also hints at the evolving nature of these ideas, as it mentions that the article examines differences in the views of the two thinkers on common issues, indicating that while there is continuity, there is also adaptation and development of thought over time.

**Keywords**: Imam Ghazali, Ahmad Donish, "The Chemistry of Happiness," "Navodir ul-vaqoe," family, parents, child, marriage, benefit, disasters, profession.

## Introduction

## МУҚАДДИМА

Адабиёти форсу тоҷик махзани бебаҳоро мемонад, ки ҳанӯз теъдоди зиёди асарҳои нодири ин хазинаи беҳамто ниёз ба таҳқиқу омӯзиш доранд. Ин аст, ки солҳои охир таваҷҷуҳ ба бозомӯзии масъалаҳои мубрами адабиёт, роҳи эҷод, мероси адабӣ, вижагиҳои хосаи ашъор ва осори шоиру нависандагон, таҳқиқ ва таҳлили мавзӯоти муштарак ва

хусусиятҳои ҳамонанди эҷодиёти онҳо афзун гардида, тасҳеҳу нашри осори суханварони шуҳратёр дар асоси нусхаҳои нодири онҳо беш аз пеш вусъат меёбад.

Воқеан, мо ҳангоми мутолиа ва бозомӯзии мазмуну мундариҷа, сабку услуб, ғоя ва доираи мавзӯот, талқини образҳо, хусусиятҳои анъанавӣ ва навоварии баъзе асарҳои шоиру нависандагон ҷиҳатҳои муштарак ва назири ҳамдигари онҳоро пай мебарем ва албатта таҳлилу тадқиқи чунин ҷанбаҳо барои хубтару амиқтар омӯхтани осори мондагори эҷодкорон мусоидат мекунад.

Яке аз симоҳои намоёнтарини илму фарҳанги қарни XIX, мутафаккири бузург, адиби забардаст, шоир, сиёсатмадори номӣ, муҳандиси мумтоз, наққош, рассом ва хаттоти моҳир Аҳмад ибни Носир Сиддиқии Бухороӣ , ки бо ном ва лақабҳои Аҳмади Дониш, Аҳмад-махдуми Дониш ва Аҳмади калла машҳур аст, аз зумраи маорифпарвароне мебошад, ки осори зиёди арзишманд таълиф кардааст. Дар байни онҳо "Наводиру-л-вақоеъ" арзиши воло ва маъруфияти бештар дорад, ки дар он муаллиф ба умдатарин мушкилоти ҷомеа таваҷҷӯҳ карда, роҳҳои ҳалли онро баррасӣ намудааст.

Бояд гуфт, ки Аҳмади Дониш низ дар навиштани "Наводиру-л-вақоеъ" аз таҷрибаи худ ва ҳамаи сарчашмаҳои дастрас, аз мероси ниёгон фаровон истифода кардааст.

## УСЛУБҲО

Дар раванди бозомӯзии паҳлӯҳои муштараки асари муътабари "Кимиёи саодат"-и Ғаззолӣ ва китоби арзишманди илмӣ, адабӣ ва фалсафии "Наводиру-л-вақоеъ"-и Дониш аз усулҳои таҳлил, муқоиса, муқоисаи бадеӣ ва услубӣ, таҳлили танқидӣ ифтифода намудем. Доир ба ҷиҳатҳои назири ҳамдигари "Кимиёи саодат" ва "Наводиру-л-вақоеъ" аз ин китобҳо мисолҳо оварда, вижагиҳои онҳоро бо усули таҳлили назарӣ муайян кардем.

## НАТИҶА

Дар ташаккули афкори маорифпарварии Аҳмади Дониш нақши осори мондагори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Хоҷа Насириддини Тӯсӣ, Носири Хисрав, Имом Ғаззолӣ, Низомӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва садҳо мутафаккирони дигар чашмрас аст. Бахусус, дар афкори иҷтимоиву сиёсӣ, илмӣ ва адабию ахлоқии Дониш, ки дар "Наводиру-л-вақоеъ" (солҳои 1868-1875) мавриди таҳлилу ташхис қарор додааст, метавонем баъзе паҳлуҳои муштаракро бо офаридаҳои суханварони бузурги гузашта мушоҳида кунем.

Е.Бертельс, С. Айнӣ, Б.Ғафуров, И.Брагинсикий, И.Бечка, З. Раҷабов, Н.Афоқова, Ш. Абдуллоев, Р. Ҳодизада Н. Маъсумӣ, С. Амирқулов, С. Хӯҷақулов, А.Ҳайдаров, З.Аҳмедова, Р. Ҷумъаев, И. Наимов[1] ва дигарон дар бораи рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш

[1] Бертельс Е.Э. Рукописи произведений Ахмада Калл.Э. М-л. 1936. С.11.; 132: Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Маскав, Чопхонаи марказӣ. - 1926. - 656 с.; Раҷабов З. Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. Душанбе: Ирфон, 1964. - 306 с.; Абдуллоев Ш. Афкори маорифпарварӣ ва озодфикрӣ: (Афкори динию фалсафӣ ва ислоҳотии А. Дониш. Душанбе, 1994. - 150 с.; Ҳодизада Р. Аҳмади Дониш. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабию илмӣ / Р. Ҳодизода. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 293 с.; Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. Душанбе: Дониш, 1976. – 77; Амирқулов С. Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш. Душанбе: Дониш, 1995. – 64 с; Хӯҷақулов С. Адабиёти давраи бедории миллии тоҷик (Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX). Тошканд: Миллий энциклопедия, 2014.-398 с.; Хӯҷақулов С. XIX асрнинг иккинчи ярми ва XX аср бошлари тожик адабиётида лирик жанрларнинг тадрижий такомил тамойиллари (анъана ва новаторлик). Филология фанлари доктори (DSc) диссертацияси автореферати. Самарқанд: 2022. – 75 б. Ҳайдаров А.А. Реформаторские взгляды Ахмада Дониша в обновлении системы образования в Бухарском эмирате: XIX и начало XX

European Journal of Interdisciplinary Research and Development
Volume- 40 June- 2025
Website: www.ejird.journalspark.org ISSN (E): 2720-5746

тадқиқотҳои илмӣ анҷом дода, афкори таърихию фалсафӣ, иҷтимоӣ ва бадеии ин мутафаккири бузургро омӯхтаанд ва оид ба ҳамоҳангии андешаҳои ӯ бо мулоҳизоти шоиру донишмандони пешина назари худро баён кардаанд.

Аз ҷумла, адабиётшиноси тоҷик Субҳон Амирқулов дар рисолаи “Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш” (1995) доир ба робитаи эҷодии Аҳмади Дониш ва бузургони адабиёти гузаштаи форс-тоҷик муфассал баҳс меорояд. Дар ин рисола муаллиф паҳлуҳои гуногуни рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш, робитаи эҷодии ӯро бо гузаштагон таҳлилу баррасӣ намудааст.

Масалан, дар таърихи адабиёт ва фарҳанги форсии тоҷикӣ таълиму тарбия ва тарғиби арзишҳои инсонӣ дар меҳвари мазӯоти осор ва ашъори суханварони бузурги мо қарор гирифтаанд. Ҳатто асарҳое ҳастанд, ки мутафаккирон ба таълиму тарбияи фарзандони худ ихтисос дода додаанд. Унсурулмаолии Кайковус “Қобуснома”-и худро ба писараш Гелоншоҳ бахшида бошад, Абдураҳмони Ҷомӣ “Баҳористон”-ро ба Фарзандаш Зиёуддин бахшидааст. Аҳмад Дониш низ чун идомадиҳандаи суннати ниёгон дар чанд боби “Наводиру-л-вақоеъ”, аз ҷумла “Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва ҳадди ҳуқуқи онҳо”, “Дар васоёи фарзанд ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо” ва монанди ин масъалаи тарбияи ахлоқии фарзанд ва масъулияти падару модарро мавриди таҳқиқ қарор додааст ва ҳатто дар рисола таъкид кардааст, ки “Фалоҷарам, аз таҷрибиёт он чи пешам омада буд, дар сатр кашидам ва ба дастурамалии фарзандон гузоштам”. Мутафаккир низ боби “Дар васоёи фарзанд ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо” асари худро ба фарзандонаш Абдулкарим ва Асъад бахшида, онҳоро таъкид намудааст, ки аз ҳаводиси рӯзгор панд гиранд.

Аҳмади Дониш дар "Наводиру-л-вақоеъ" аксари ғояҳои "Захирату-л-мулук", ки калонтарин асари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба фалсафа, сиёсат ва ахлоқ мебошад ва дар пайравии "Насиҳату-л-мулук" ва "Кимиёи саодат"-и Ғаззолӣ эҷод шудааст, доир ба усули давлатдорӣ бевосита истифода кардааст (4:182).

Ин аст, ки ҳангоми таҳлилу тадқиқи “Наводиру-л-вақоеъ”, дар ин асари арзишманди илмӣ, адабӣ ва фалсафӣ муштаркоти мавзӯот, хусусият ва натиҷагириҳои ҳамонандро бо асари динию фалсафӣ, тасаввуфӣ ва ахлоқии мутафаккир ва донишманди бузурги форсу тоҷик, Имом Ҳуҷҷатул-ислом Муҳаммади Ғаззолӣ – “Кимиёи саодат” (солҳои 1098-1101 таълиф шудааст)  низ дарёфтан мумкин аст.

веков // Автореферат. Диссертации на соискание ученой степени; Ахмедова 3. XIX аср иккинчи ярмида Бухорода ижтимоий фалсафий фикр равнақи (А.Дониш ва Шамсуддин Шахин карашлари мисолида). Фан номзоди диссертация автореферати. 2007. – 52 б.; Жумаев Р.Ғ. XIX асрнинг иккинчи ярмида Бухорода ижтимоий-сиёсий жараёнларнинг илмий-назарий таҳлили (Аҳмад Донишнинг сиёсий қарашлари мисолида). фалсафа доктори (PhD) диссертацияси автореферати. - Т.: 2020. -45 б.; Наимов.И. Аҳмад Донишнинг маърифатпарварлик фаолияти ва унинг илмий мероси. Тарих фанлари бўйича фалсафа доктори (PhD) диссертацияси автореферати. - Тошкент, 2022. -54 б.;

**МУҲОКИМА**

Аҳмади Дониш дар “Наводиру-л-вақоеъ” таъкид мекунад, ки маҳз тавассути китобат ва мутолиаи «Кимиёи саодат» ва «Эҳё-у-лулум»-и Имом Ғаззолӣ аз асли дину диёнат огоҳ шудааст ва хондани ин асарҳо ба ӯ таъсири амиқ гузошта, ҷиҳати таҳкими хираду ҷаҳонбинии мавсуф дар мавриди умури нафсонӣ ва динӣ ва дунявӣ хидмат кардааст: “дар соли сиюм аз умр камобеш ба саъйи яке аз умаро ба китобати «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ мустаъидд гаштам. Ва он дар усули дин аст ва муомалоти дунявӣ. Ва дар он баъзе таҳқиқотро роҷеъ ба «Эҳё-у-лулум» дошта, ки ҳам аз мусаннафоти он Имом аст. Ба мутолааи он низ фоиз шудам, то асли дину диёнат дар хотирам нишаст»” [2: 417].

Пас аён мешавад, ки Аҳмади Дониш аз мероси Имом Ғаззолӣ ба таври бояду шояд огоҳ будааст ва ин боис шуда, ки ҳангоми иншои “Наводиру-л-вақоеъ” аз ғоя ва андешаҳои он пайравӣ ва гоҳо истифода кардааст.

Вақте мо “Кимиёи саодат” (ҷилдҳои I ва II) ва “Наводиру-л-вақоеъ”-ро мехонем, дар онҳо унсурҳои гуногуни муштараку ҳамонандро пай мебарем. Пеш аз ҳама ин шабоҳат дар асл ва бобҳои асарҳо ба чашм мерасад.

Масалан, дар ҷилди якуми “Кимиёи саодат” бахшҳои “Ҳуқуқи модару падар” ва “Ҳуқуқи фарзандон” мавҷуд, ки дар онҳо сухан оиди ҳаққи падару модар, эҳтироми онҳо, тарбияи фарзандон меравад. Боби якуми “Наводиру-л-вақоеъ” низ “Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва ҳадди уқуқи онҳо” унвон дорад ва Аҳмади Дониш дар он андешаҳои худро роҷеъ ба ҳуқуқи волиёдан дар назди фарзандон ва дар навбати худ вазифаи фарзандон дар ҳаққи волидайнро мавриди муҳокима ва таҳлилу ташхис қарор додааст, ки дар ин маврид дар бахши “Таҳлил” маълумот хоҳем дод.

Дар асли шашум (“Илоҷи бухл ва ҷамъ кардани мол”) ва боби дувум (“Дар таҳқиқи матои дунё ( ва манофеи ҷамъу тарки он ва ёфтани тариқу зуҳду таҷрид) ва ҳақиқати муомалоти он”), асли дуввум (“Одоби никоҳ”) ва боби ёздаҳум (“Дар (таҳқиқи) одоби никоҳ ва (ваҷҳи) хусумати модаршӯ (ва шароити тазаввуҷ)”), дар асли сеюм (“Дар одоби касб ва тиҷорат”) ва боби сездаҳум (“Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо”), инчунин, дар асли даҳум (“Ёд кардани марг”) ва боби чордаҳум (“Дар таҳқиқи рӯҳ ва нисбати тааллуқи ӯ ба абдон ва кайфияти марг (ва зиндагӣ)”) ва дигар аслҳои асарҳои “Кимиёи саодат” ва бобҳои “Наводиру-л-вақоеъ” метавон чунин монандиро мушоҳида кард.

Ғайр аз ин, дар мавзӯоту масъалаҳое, ки дар рукн, асл, фасл ва бобҳои ин асарҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ҳамзамон, мазмуну моҳият, тарзи тасвиру баён, сабки нигориш, ҳадафу натиҷагирӣ ва ғайра ҷиҳатҳои муштарак ба чашм мерасад.

**ТАҲЛИЛ**

Боби сеюми асли панҷуми “Кимиёи саодат” (ҷилди якум) “Дар ҳуқуқи мусалмонон ва хешовандон ва ҳамсоягону бандагон” унвон дорад. Ин боб аз чор бахш – “Ҳуқуқи хешовандон”, “Ҳуқуқи модару падар”, “Ҳуқуқи фарзандон” ва “Ҳуқуқи бандагон” иборат аст.

Имом Ғаззолӣ дар бахши “Ҳуқуқи фарзандон” менависад, ки “Ва яке аз расул алайҳиссалом дастурӣ хост, то ба ғазв равад, гуфт: «Волида дорӣ?» Гуфт: «Дорам». Гуфт:

«Наздики вай бинишин, ки биҳишти ту дар зери қадами вай аст». Ва яке аз Яман биёмад ва дастурӣ хост дар ғазв, гуфт: «Модару падар дорӣ ба Яман?» Гуфт: «Дорам». Гуфт: «Бозрав ва нахуст дастурӣ хоҳ, агар надиҳанд, фармони эшон кун, ки пас аз тавҳид ҳеч қурбате набарӣ ба назди Худои таъоло беҳтар аз он” [1: 323].

Аҳмади Дониш низ дар боби “Дар (таҳқиқи) одоби никоҳ ва (ваҷҳи) хусумати модаршӯ (ва шароити тазаввуҷ)-и “Наводиру-л-вақоеъ” мегӯяд: “Ва надонад, ки ҳуқуқи абавайн маҳдуд аст ва ба чандин муқаддима машрут ва он ҳикоятҳову ривоятҳо ҳама аз ҳавои нафс хостааст. Ва аксари онро падарону модарони мисли ӯ сохта ва пардохтаанд ва дидаанд, ки фарзандон ба воситаи бадии онҳо ба ҳоли онҳо намепардозанд, аҳодиси мавзӯъа ифтиро кардаанд ва ҳикоёти козиба иншо карда. Ва бино бар зоҳири нусуси қотеъа ниҳода, фарзандонро кофир гардонанд ва худро муртадд гардонида ва ҳар нафасе гӯянд:

[Байт]
Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Зери кафи пои модарон аст.

Надонанд, ки ҷаннат агар бувад, дар ризои модаре мисли Марям [разия-л-Лоҳу анҳо], бувад. Ва ризвон агар ҳосил шавад, дар қадами бибие, ҳамчу Робиа, [раҳмату-л-Лоҳи алайҳо], на он ки писар ба раққосӣ супораду духтар ба қаҳбатӣ ва боз мутаваққеи эҳсон бувад, ки

وَبِٱلْوَٰلِدَيْنِ إِحْسَٰنًا

(Ва ба падару модар…некӯкорӣ кунед. Сураи Нисо, ояти 36)” [2: 264].

Имом Ғаззолӣ бо овардани мисол ва гуфторҳо аз забони расул алайҳиссалом таъкид мекунад, ки биҳишт зери қадами волидон аст ва дар назди Худои таъоло ҳеҷ чиз беҳтару бартар аз иҷрои фармону супориши онҳо набошад. Яъне, фарзандон бояд ҳамеша аз пайи ризояти волидон бошанд.

Аммо Аҳмади Дониш андешаи худро дар ин маврид ба гунаи дигар баён карда, таъкид мекунад, ки ҳуқуқи волидон маҳдуд ва ба чандин шартҳо вобаста аст. Он ҳама ҳикояву ривоятҳо дар асоси орзуву ҳавас пайдо шудаанд ва аксари онҳоро падару модароне бофтаанд, ки худ ба фарзанд тарбияи нек надодаанд, барои саодати вай талош накардаанд, вале умед аз эҳсону парвариши хубу шоистаи ӯ мекунанд. Аз нигоҳи Дониш ҷаннат агар ҳаст, танҳо зери кафи пои он модаронест, ки чун Марям [разия-л-Лоҳу анҳо], бибие, ҳамчу Робиа, [раҳмату-л-Лоҳи алайҳо] бошанд, на дар зери пойи онҳое, ки писараш раққоса бошаду духтараш сабукпой.

Дониш дар ин маврид бар он назар аст, ки “Падару модар мавриди эҳсону шукранд, бар тақдире, ки солеҳ бошанд ва ба фарзанди худ некихоҳанда ва салоҳи ҳоли ӯ ҷӯянда, ки агар фосиқ бошанду ба фарзанд некӣ намехоҳанд ва салоҳи ҳоли ӯро наметалабанд, балки ғарази худро меҷӯянд, мавриди он ҳуқуқ, ки дар оёту аҳодис омада, нестанд” [2: 33]. Воқеан, дар асарҳои зиёди ба масъалаи ахлоқ бахшидашуда роҷеъ ба ҳуқуқ ва вазифаҳои падару модар сухан рафтааст. Аммо дар аксари онҳо ин мавзӯъ маҳдуд ва мухтасар муҳокима шудааст. Аз ҷумла, дар “Кимиёи саодат” низ танҳо ҳуқуқҳои волидон ва фарзандон дар асоси қонунҳои шариат, талаботи китоби муқаддаси Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ зикр гардидааст. Аҳмади Дониш бошад, дар осори худ ин мавзӯъро мавриди

баррасии ҳамаҷониба қарор дода, баробари баёни талаботу меъёрҳои шариат, дин ва ҳадисҳо, андешаҳои хешро дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ санҷидааст, мисолҳои ҳаётиро ба миён гузоштааст ва риояи онҳоро барои волидайн ҳатмӣ арзёбӣ кардааст.

Дар бахши “Пайдо кардани он ки хулқи некӯ ба даст овардан мумкин аст”-и асли аввали “Кимиёи саодат” (ҷилди дуввум) муаллиф менависад: “...он ки содадил бошад, ки ҳанӯз нек аз бад нашинохта бошад, ҳанӯз хӯй фарокори неку бад накарда бувад, валекин бар фитрат аввал аст ва ин нақшпазир бувад ва зуд салоҳ пазирад: вайро ба касе ҳоҷат бувад, ки таълим кунад ва офати ахлоқи бад бо вай бигӯяд ва роҳ ба вай намояд. Ва кӯдаконро ҳама дар ибтидои фитрат чунин бувад ва роҳи эшон падару модар бизананд, ки эшонро бар дунё ҳарис кунанд ва фаро гузоранд, то чунонки хоҳанд, зиндагонӣ мекунанд, хуни дайни эшон дар гардани модарону падарон бошад ва барои ин гуфт Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло: «Қуво анфусакум ва аҳликум норан»[2][1: 409].

Аҳмади Дониш низ дар боби “Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва ҳадди уқуқи онҳо” чунин навиштааст “Дигар, **қавлуҳу алайҳи-с-салому фӣ ҷавоби ман саала: Ё расулаллоҳ, мо ҳаққу-л-волидайни? Қола: ҳумо ҷаннатука ва норука** (Ҷавоби паёмбар (с) ба касе, ки пурсид: Ҳаққи падару модар чист? Гуфт: Онҳо биҳишт ва дӯзахи туанд.)

Оре, агар абавайн аз аҳли амонату диёнат бошанд, ҳамеша ҳама талқини амонату диёнат кунанд, биҳишти фарзанд бошанд, ки вай низ аз аҳли вараъ бувад ва ба биҳишт равад ва агар аз аҳли шақовату хиёнат бошанд, дӯзахи фарзанд бошанд, ки аз шумии суҳбати онҳо вай низ шақӣ [хоҳад шуд ва] хоин шавад ва ба дӯзах дарафтад. Ва [ба] муфоди ин ҳадис ҳамон муфоди ҳадиси дигар аст, ки **куллу мавлудин [юладу] ала-л-фитрати, илло абавоҳу юмаҷҷисониҳи ва юнассирониҳи ва юҳаввидониҳи** (Ҳар мавлуде ба фитрате таваллуд меёбад. Танҳо баъд аз он волидайн онҳоро оташпараст, насронӣ ва яҳудӣ мегардонанд)” [2: 54-55].

Имом Ғаззолӣ таъкид мекунад, ки тифл вақте дида ба дунё боз мекунад, нотавон аст ва ҳанӯз неку бадро намешиносад, дар худ низ чунин хӯю рафторро надорад. Ба касе ниёз доранд, ки таълим диҳад ва зарару фоидаи ахлоқи хубу бадро омӯзад. Маҳз падару модар ҳастанд, ки онҳоро роҳнамоӣ мекунанд ва дар сирати онҳо хислатҳои нек ё бадро табрия менамоянд. Яъне, “хуни дайни эшон дар гардани модарону падарон” аст.

Аҳмади Дониш таъкид мекунад, ки агар падару модар росткору бовиҷдон бошанд ва ҳамеша фарзандони худро ба ин роҳ ҳидоят кунанд, дилбандашон низ порсои боимон шуда, ба биҳишт хоҳад рафт. Агар бераҳму хиёнаткор бошанд, фарзандашон ҳам бадбахту хиёнаткор хоҳад шуд ва ҷояш дар дӯзах аст. Аҳмади Дониш андешаҳои худро дар ин маврид бо гуфтори ҳадисҳо пурзӯртар кардааст. Дар оғоз падару модарро “онҳо биҳишт ва дӯзахи” фарзанд мегӯяд ва дар анҷом ба ҳамин маъно таъкид мекунад, ки ҳар кас нотавон таваллуд мешавад ва “танҳо баъд аз он волидайн онҳоро оташпараст, насронӣ ва яҳудӣ мегардонанд”. Яъне чӣ гуна камол ёфтани онҳо, кадом динро интихоб кардани онҳо ба волидон вобаста мебошад.

Ҷиҳати муштараки андешаҳои Ғаззолӣ ва Дониш роҷеъ ба ин масъала дар он аст, ки ҳар ду мутафаккир волидайнро чун инсонҳои созандаи ояндаи фарзандон зикр намудаанд.

[2] Худатон ва касонатонро аз оташ нигоҳ доред.

Рукни дуввуми чилди якуми “Кимиёи саодат”-и Ғаззолӣ рукни муомилот буда, он аз даҳ асл иборат ва асли дувум “Одоби никоҳ аст” унвон дорад. Ин асл аз се боб ва як фасл таркиб ёфтааст.

Асли “Одоби никоҳ аст” аз бисёр ҷиҳат ба боби ёздаҳуми “Наводиру-л-вақоеъ” – “Дар (таҳқиқи) одоби никоҳ ва (ваҷҳи) хусумати модаршӯ (ва шароити тазаввуҷ)” шабоҳат дорад.

Имом Ғаззолӣ таъкид мекунад, ки “Ва ҳарчанд одамӣ беш шавад, бандагони ҳазрати Рубубият бештар мешаванд ва уммати Мустафо алайҳиссалом беш мешавад ва барои ин гуфт расул алайҳиссалом: «Никоҳ кунед, то бисёр шавед, ки ман дар қиёмат мубоҳот кунам ба шумо бо уммати дигар пайғомбарон, то ба кӯдаке, ки аз шиками модар бияфтад, низ мубоҳот кунам». Пас савоби касе, ки саъй кунад, то бандае дарафзояд, то дар роҳи бандагӣ ояд, бузург бувад. Ва барои ин аст, ки ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод бузург аст, ки падар сабаби вуҷуд аст ва устод сабаби шинохти роҳ аст. Ва бад-ин сабаб гурӯҳе гуфтаанд, ки: «Никоҳ кардан фозилтар аз он ки ба навофили ибодот машғул шудан» (1, саҳ. 229).

Ҳамин маъниро Аҳмади Дониш низ дар рисолаи худ баён кардааст: “Ва ҳарчанд одамӣ беш мешавад, бандагони ҳазрати рубубият бештар мегардад. Ва ин аст маънии касирӯ авлодукум, ки никоҳ кунед ва бисёр шавед, ки ман дар қиёмат ба шумо мубоҳот кунам бо уммами собиқа, то бо кӯдаки ҷанин низ ифтихор кунам. Пас, савоби касе, ки саъй кунад, то банда барафзояд, ки дар роҳи бандагӣ дарояд, бузург бошад. Барои ин аст, ки ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод бузургтар, чи падар сабаби вуҷуд аст ва устод сабаби ҳидояти роҳи дин. [Ва] лиҳозо гурӯҳе аз уламо гуфтаанд: Никоҳ фозилтар аст аз он ки ба навофили ибодат пардозанд” [2: 267-268]).

Ҳар ду донишманд барои тақвият, ҷолибият ва мутаассирии андешаҳои худ паҳлуҳои динии масъаларо баён карда, никоҳро аз ҷумлаи роҳи дин шумурдаанд ва таъкид кардаанд, ки бақои ҷинси одамӣ ва насли вай бе никоҳ мумкин нест. Маҳз ба туфайли никоҳу издивоҷ бани одам ҷовидона мемонад.

Имом Ғаззолӣ дар боби аввали асли “Одоби никоҳ аст”, ки “Дар фавоид ва офоти никоҳ” унвон дорад, дар бораи “Фавоиди никоҳ” ва “Офоти никоҳ” маълумот дода, панҷ фоидаи никоҳро баён мекунад. Ҳамзамон дар фоидаи аввал, ки дар фарзанд аст, боз чор савоби онро ба миён мегузорад [1: 229-233].

Аҳмади Дониш низ дар “Наводиру-л-вақоеъ” аз ин панҷ фоидаи никоҳ – таваллуди фарзанд (чор самараи он), таҳассуни дин, муонасат бо занон ва ҳосил кардани роҳати дил, мадади зан барои бо илму амал ва ибодат машғул гардидани мард ва сабр ба ахлоқи занон ва кифояти муҳиммоти эшон ва забти онҳо дар роҳи рост [2: 268-269] ёдовар шудааст.

Имом Ғаззолӣ ҳар як фоидаи никоҳро бо каломи Расули Худо, ҳадисҳо батафсил баён кардааст. Аммо Аҳмади Дониш бо ибрози моҳияти асосии ин фавоид кифоят намудааст. Масалан, дар “Наводиру-л-вақоеъ” фоидаи дуввуми никоҳ чунин баён шудааст: “Дигар, аз фавоиди тазаввуҷ таҳассуни дин аст, чи ҳар кӣ никоҳ кард, як нимаи дини хеш дар ҳисор кард. Ва он ки никоҳ накард, ғолиб он бувад, ки чашм аз назару дил аз васваса нигаҳ натавонад дошт” [2: 268].

Имом Ғаззолӣ низ фоидаи дуввумро чунин ташреҳ додааст ва барои тақвияти фикр мегӯяд, ки “никоҳ бар нияти фарзанд бошад, на барои шаҳват... Лаззати азим дар вай ниҳодаанд, то намудори лаззатҳои охират бошад” ва инро ба офаридани оташ монанд мекунад, ки намудори оташи охират бошад. Батаъкид мегӯяд, ки дар ҳама чизи офаридаи Худованд ҳикмате ниҳон аст ва дар анҷом менависад: “"Ва расул алайҳиссалом мегӯяд, ки: «Ҳар зане, ки меояд, шайтоне бо вай бошад: чун касеро зане некӯ пеш ояд, бояд ки ба хона равад ва бо аҳли худ сӯҳбат кунад дарвақт, ки занон ҳама баробар бошанд дар ин маънӣ» [1: 231].

Яъне, дар “Кимиёи саодат” ҳар як паҳлуи муфиди никоҳ бо афкору андешаҳои динӣ ва иҷтимоӣ тафсир ёфтаанд. Чунин тафсирaро дар боби “Дар одоби зиндагӣ кардан бо занон ва авали никоҳ то ба охир”-и “Кимиёи саодат” (ҷилди якум) низ метавон мушоҳида кард. Дар ин боб Имом Ғаззолӣ дувоздаҳ одоби зиндагӣ кардан бо занонро зикр мекунад, ки валима (базми арӯсӣ) аст ва ин суннате муаккад аст ва суннат аст даф задан ва никоҳ изҳор кардан ва бад-он шодӣ намудан; хӯи нек пеш гирифтан бо занон; мазоҳу бозӣ кардан бо эшон ба дараҷаи ақли онҳо; меъёр нигоҳ доштан дар мазоҳу бозӣ, то ҳайбату сиёсати мард аз байн наравад; дар амри ғайрат (рашк) меъёр нигоҳ дорад, бе сабабе гумони бад накунад, занро дар хона танҳо нагузорад; нафақа некӯ кунад, танг нагирад ва исроф накунад; ҳар чи занонро аз илми дин дар кори намозу таҳорат ва ҳайзу ғайри он ба кор ояд, эшонро биёмӯзад; агар ду зан дорад, миёни эшон баробар дорад; зан бефармонӣ кунад ва тоати шӯй надорад, варо ба тоат орад; дар сӯҳбат кардан дили вай хуш кунад; дар омадани фарзанд аст ва бояд ки чун фарзанд омад, дар гӯши рости вай бонги намоз кунад ва дар гӯши чап қомат кунад ва вайро номи некӯ гузорад; то битавонад талоқ надиҳад, ки Худои таъоло аз ҷумлаи мубоҳот талоқро душман дорад, аз ин ҷумлаанд [1: 238-243].

Бо тафовут аз ин одобҳо, ки Имом Ғаззолӣ баён кардааст, Аҳмади Дониш дар идомаи боби “Дар (таҳқиқи) одоби никоҳ ва (ваҷҳи) хусумати модаршӯ (ва шароити тазавву҆ҷ)”-и “Наводиру-л-вақоеъ” роҷеъ ба одоби зиндагонӣ бо занон маълумот медиҳад ва нӯҳ адаби умргузарониро бо баён мекунад[3].

Дар тарзи ифода, баёни ривоят, гуфтор ва мисолҳои онҳо тафовут ба чашм мерасад. Азбаски ин одобҳо дар “Кимиёи саодат” чун боби алоҳида омадааст, ҳар як одоб васеътар тавзеҳ ёфтааст ва дар онҳо иқтибосот аз Паёмбари Худо, ривоят ва аҳодиси бештар оварда шудааст.  Дар “Наводиру-л-вақоеъ” бошад, ҳар як одоб мухтасар баён карда шудааст.

Имом Ғаззолӣ дар боби сеюми асли дуввум дар фасли алоҳида дар бораи “Ҳаққи шӯй бар зан” андешаҳои худро ба миён мегузорад, ки бо ҷумлаҳои “...Аммо ҳаққи мард азимтар аст бар зан, ки вай ба ҳақиқат бандаи мард аст; ва дар хабар аст, ки: “Агар суҷуд ҷуз Худойро раво будӣ, занонро суҷуд фармудандӣ барои мардон” оғоз меёбад [1; 244-255].

---

[3] 1. Бо занон хӯи нек пеш гирифтан, бар муҳолоту носипосии эшон сабр кардан, мудоро намудан; мазоҳу бозӣ кардан бо эшон ба дараҷаи ақли онҳо, бо аҳли хеш самимона рафтор намудан, хандон ба хона даромада, хомӯш берун омадан, вале на дар он поя, ки ҳайбату сиёсати мард аз байн равад. Зан бандаи мард бувад, на мард бандаи зан; дар амри ғайрат (рашк) меъёр нигоҳ дорад, бе сабабе гумони бад накунад, занро дар хона танҳо нагузорад; занро аз ҷиҳати моддӣ таъмин кунад, аммо набояд ба исрофкорӣ роҳ диҳад; дар бораи таҳорату ҳайзу намоз илим зарурӣро биомӯзад; агар ду зан дорад, ҷиҳати дар назди онҳо будан, ато фармудан, дар муҳаббат ва мубошарат баробариро нигоҳ дорад; ҳангоми нофармонӣ кардани зан, ӯро бо лутф бар итоат даъват кунад ва агар тоат накард, дар ҷомахоб пушт бар вай кунад; дар рафти суҳбат, ба оӯғш гирифтан, муоширaт кардан бояд боадабона ва хушу хуб рафтор намояд, дили занро хушнуд созад; то тавонад талоқ накунад, ки Худованд онро душман дорад. Сирри зан бо ҳеҷ кас нагӯяд.

Дар хона нишастан, бе иҷозат берун нарафтан, болои дару бом набаромадан, бо ҳамсоягон бисёр суҳбат накардан, бидуни зарурат назди онҳо нарафтан, дар бораи шавҳари худ ба ҷуз ҳарфи накӯ нагуфтан, агар дар байнашон нофаҳмие бошад, дар ин бора ҳарф назадан, дар ҳама кор барои шодмонии шавҳари худ ҳаракат кардан, дар моли вай хиёнат накардан, шафқат нигоҳ доштан, агар дӯсти шавҳар дар кӯбад, ҳамчун ношиносе ҷавоб додан, рӯйи худро аз ҳамаи ошноёни шӯи худ пӯшида доштан, ба ҳар чизе мард меорад, қаноат намудан ва зиёдатӣ талаб накардан, ҳаққи ӯро аз хешовандон муқаддам донистан, ҳамеша худро покиза нигоҳ доштан, то барои сӯҳбату муоширát омода бошад, ҳар хидмате, ки аз дасташ меояд, иҷро кардан, ба шавҳари худ до ҷамоли хеш фахр накардан, дар ҳаққи накӯие, ки аз ӯ мебинад, носипосӣ нанамудан ва ҳеҷ гоҳ “ман аз ту чӣ дидам?” нагуфтан, ҳар замон хариду фурӯхт ва талокро талаб накарданро Ғаззолӣ чун ҳаққи мард бар зан таъкид намудааст.

Аҳмади Дониш низ дар охири боби “Дар (таҳқиқи) одоби никоҳ ва (ваҷҳи) хусумати модаршӯ (ва шароити тазаввуҷ)” роҷеъ ба одоби маишати ҳаққи мард бар зан менависад ва ин сархат бо андешаҳои ҳамонанде, ки Ғаззолӣ гуфта буд, оғоз мешавад[4].

Аҳмади Дониш ҳам дар мавриди ҳаққи мард бар зан гуфтаҳои Ғаззолиро бо баъзе тағйироти истилоҳӣ, на маъноӣ баён кардааст. Ин тағйироти истилоҳӣ дар андешаҳои мутафаккирон дар ин бахши “Кимиёи саодат” ва “Наводиру-л-вақоеъ” мутаносибан чунин ба назар мерасад: “бо ҳамсоягон мухолатату ҳадиси бисёр накунад” – “ва бо ҳамсоягон ҳадису мухолатати бисёр накунад, **магар ба қадри эҳтиёҷ**”, “ва аз шӯи хеш ҷуз некӯӣ нагӯяд” – “ва аз шавҳари хеш ҷуз накӯӣ нагӯяд **ва уюби шавҳари худро бипӯшад**”, “ва бар ҳама кор бар муроду шодии вай ҳарис бошад” – “ва дар ҳама корҳо бар муроду шодии шавҳар ҳарис бошад, **на бар муроди худ**”, “ва ҳамеша хештан покиза дорад – чунон чи сӯҳбату муоширатро бишояд” – “ва худро ҳамеша покиза нигоҳ дорад, чунонки суҳбату муошаратро шояд **ва назди тақозои мард таъхир раво надорад**”, “ва ҳар хидмате, ки ба дасти хеш битавонад кард, бикунад” – “ва ҳар хидмат, ки ба дасти хеш кунад ва тавонад кард, худ бикунад **ва ба ғайр ҳавола накунад**”, “ва бо шӯй ба ҷамоли хеш фахр накунад” – “ва бо шавҳар ба **молу** ҷамол фахр накунад», “ва ҳар замоне бе сабабе талаби хариду фурӯхт накунад ва талоқ нахоҳад” – “ва ҳар **соате** бе сабабе талаби хариду фурӯхт ва талоқу **фироқ** нахоҳад”.

Имом Ғаззолӣ ва Аҳмади Дониш дар мавриди офоти никоҳ низ андешаҳои ҳамонандро ба миён гузоштаанд.

Имом Ғаззолӣ дар боби аввали асли “Одоби никоҳ аст” – “Дар фавоид ва офоти никоҳ” бахше таҳти унвони “Офоти никоҳ” овардааст, ки он ҷо аз се офоти никоҳ ёдовар мешавад: “Офати аввал – он ки: бошад ки аз талаби ҳалол оҷиз бувад – хоса дар чунин рӯзгор ки ба сабаби иёл дар шубҳат афтад, ё дар ҳаром ва он сабаби ҳалоки дини вай бува ва они иёли вай...

Офати дувум – он ки: қиём кардан ба ҳаққи иёл натавон, илло ба хулқи некӯ ва сабр кардан бар муҳолоти эшон ва эҳтимол кардани ранҷи эшон ва ба тадбири корҳои эшон қиём

[4] “Аммо ҳаққи мард бар зан азим аст, ки вай дар ҳақиқат бандаи ӯст. Ва дар хабар аст, ки агар суҷуд ғайри Ҳаққро, субҳонаҳу, раво будӣ, занонро раво будӣ, ки мардонро саҷда кунанд”.

кардан; ва ин ҳар касе натавонад; ва бошад ки эшонро биранҷонад ва бад-он базаҳкор шавад ё зоеъ фурӯ гузорад.

Офати сеюм – он ки: дил ба андеша ва тадбири кори иёл мустағрақ шавад ва аз зикри Худои таъоло ва зикри охират ва сохтани зоди охират ва қиёмат бимонад [1: 233-234].

Аҳмади Дониш низ дар боби ёздаҳуми "Наводиру-л-вақоеъ" роҷеъ ба "офоту оҳот дар мобайни заношавҳар" [2: 244] андешаҳои худро баён кардааст, ки онҳо бо андешаҳои Ғаззолӣ шабоҳат доранд. Бо таҳлили ин офатҳо, ки ин ду мутафаккир зикр кардаанд, метавон гуфт, ки Аҳмади Дониш то ҳадде аз андешаҳои Имом Ғаззолӣ истифода намудааст. Чунки дар ин маврид баробари офатҳои якхела, мисолу ҳадису оёту ривоёт низ якхелаанд. Масалан, Имом Ғаззолӣ ҳангоми шарҳи офати дувум мефармояд, ки "Ва ҳар чи туро аз зикри Ҳақ таъоло машғул кунад, он сабаби ҳалоки туст. Ва барои ин гуфт Ҳақ таъоло: «Ё аййуҳа-л-лазина оману, ло тулҳикум амволукум ва ло авлодукум ъан зикриллоҳи»[5][1: 234].

Аҳмади Дониш низ ҳини тафсири офоти никоҳ маҳз ин нуктаро баён кардааст: "Ва ҳар чӣ дилро аз зикри Ҳаққ машғул гардонад, сабаби ҳалоки абадӣ бошад: Ли қавлиҳи таъоло:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تُلْهِكُمْ أَمْوَٰلُكُمْ وَلَآ أَوْلَـٰدُكُمْ عَن ذِكْرِ ٱللَّهِ

(Эй муъминон, амволатон ва фарзандонатон шуморо аз ёд кардани Худо машғул нагардонанд! Сураи Мунофиқун, ояти 9) [2: 245].

Дар баробари паҳлуҳои ҳамонанди ин масъала дар ду асари арзишманд, ҷиҳатҳои фарққунанда низ ба чашм мерасанд. Аз ҷумла, дар бахши "Офоти никоҳ"-и Ғаззолӣ сухан танҳо роҷеъ ба се офати никоҳ меравад. Баъдан, боби дигар оғоз мешавад ва мавзӯи таҳлил тағйир меёбад. Аммо дар "Наводиру-л-вақоеъ" дар идома низ муаллиф роҷеъ ба ин масъала таваққуф мекунад, бо баррасии мавзӯоти марбут ва баёни мисолҳои ҳаётӣ хонандаро бо офатҳои никоҳ бештар ошно месозад, ки ин барои дарки бештари моҳияти масъала мусоидат менамояд.

Илова бар ин, Имом Ғаззолӣ барои тавзеҳи андешаҳои хеш бештар аз оёту аҳодис ва ривоёту ҳикоёти динӣ мисол меорад. Яъне, маълумоту иловаҳо асосан характери диниву шариатӣ доранд. Аммо Аҳмади Дониш фикрҳояшро на танҳо бо мулоҳизаҳои динӣ, балки бо мисолҳои воқеии ҳаётӣ низ пурқувват месозад. Ин аст, ки афкори Дониш роҷеъ ба масоили гуногун дар худ хусусияти бештари воқеънигорӣ доранд.

## ХУЛОСА

Ҳангоми мавриди таҳлилу тадқиқ қарор додани паҳлуҳои муштараки "Кимиёи саодат"-и Имом Ғаззолӣ ва "Наводиру-л-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш дар баробари ҷиҳатҳои ҳамонанд дар масоили фавқуззикр, роҷеъ ба масъалаҳои дониш андӯхтан, ҷамъ кардани мол ва истифодаи он, интихоби касбу пеша, дар таҳқиқи маргу зиндагӣ низ нигоҳу андешаҳои муштараки муаллифон мушоҳида мешавад.

Умумияти нахустине, ки аз шабоҳати ин ду асар гувоҳӣ медиҳад, ин мазмуну мундариҷа ва доираи мавзӯоти онҳо мебошад. Ҳангоми мутолиаи "Кимиёи саодат" аз мазмуни асар

[5] Эй он касоне, ки гаравидед, мабодо ки амвол ва фарзандонатон шуморо аз ёди Худо машғул доранд.

пай бурдан мумкин аст, ки дар он Ғаззолӣ дар радифи баррасии масъалаҳои муҳими фалсафӣ аз нигоҳи таълимоти тасаввуф, доир ба баъзе масъалаҳои иҷтимоию ахлоқӣ афкори озодона ба миён гузоштааст. Чунин тарзи баёнро бахусус, дар танқиди иллату нуқсонҳои мухталифи ҷомеаи асримиёнагӣ, чун ҷабру зулм, ҳирсу ҳасад, кизбу риё ва ҳамчунон дар тарғиби адолат, ғамхорӣ ба раият, ки пояи давлат аст, мушоҳида кардан мумкин аст.

Аҳмади Дониш низ дар "Наводиру-л-вақоеъ" масъалаҳои муҳими иҷтимоиро ошкоро ба миён гузошта, ба онҳо аз нигоҳи дунявӣ дахл кардааст ва аъмоли амиру амалдорон, муҳити ақибмондаи мамлакат, зиндагии тоқатфарсои мардумро танқид кардааст. Барои ислоҳи низоми давлатӣ, ба сӯи тамаддуну тараққиёт кашидани мамлакат, сабук кардани аҳволи табақаи заҳматкаш, дар руҳияи ғояҳои олии инсонпарварӣ, дар партави фарҳанги дунявӣ ҳал кардани масъалаҳои гуногун бо ибрози андешаҳои ҷомеасоз талош намудааст. Яъне, дар ҳар ду асар оид ба улуми фалсафаву табиийёт, ахлоқу фарҳанг, коинот, дину шариат, ташаккули олами наботот ва амсоли ин нуктаҳои арзишманд баён гардидааст.

Илова бар ин, ҳар ду мутафаккир ҷиҳати тақвияти фикр, мутаассир намудани андеша, воқеитар тасвир кардани ҳол аз Каломи маҷид ва аҳодиси қудсии оёти ҳазрати рисолатпанoҳӣ [салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам], ривоёту ҳикоёт, матнҳои китобҳои динӣ ахбору далелу маълумоти фаровон овардаанд.

Бояд гуфт, ки Аҳмади Дониш дар чунин тарзи гузориши масъала ибтикорот кардааст. Ин мутафаккири бузург  дар баробари баёни масъалаҳо, ки мавриди қазовати аксари шоиру нависандагон, файласуф ва мутафаккирон, аз ҷумла Имом Ғаззолӣ қарор гирифта буд, аз дидгоҳи нав, моҳияти онҳоро дар амал, яъне бо рӯйдодҳои воқеӣ низ нишон додааст, ки таваҷҷуҳи хонандаро бештар ҷалб менамояд.

Инчунин, дар навиштаҳои Аҳмади Дониш ҳар як масъала марбут ба вазъи замон, аз нигоҳи танқидӣ баррасӣ гардида, муаллиф ба ин васила чораҳои ҳалли мушкилотро низ ба миён гузоштааст.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

1. Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат (Ҷилдҳои I ва II). – Теҳрон: "Суруш", 1999.
2. Дониш А. Наводиру-л-вақоеъ (мунтахаб). – Душанбе: "Адиб", 2020.
3. Дониш А. Наводир ул-вақое. Форс-тожикчадан А. Ҳамроев ва А. Шокиров таржимаси. - Тошкент: "Фан", 1964.
4. Энсиколпедияи миллии тоҷик", Ҷилди 7, Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиколпедияи миллии тоҷик, Душанбе, 2018
5. Becka J. Soviet studies on Ahmad Donish. Archiv Orientalni. Praha, 1963. 31/3. -pp.483 – 487.;
6. Хӯҷақулов С. Адабиёти давраи бедории миллии тоҷик (Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX). – Тошканд: «Миллий энциклопедия», 2014.
7. Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. Тарҷимаи ҳол ва мероси адабию илмӣ. Душанбе: "Ирфон", 1976.
8. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. Душанбе: "Дониш", 1976.

9. Амиркулов С. Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш. Душанбе: Дониш, 1995. – 64 с;
10. İmam Gazzâlî. Makâsidu‘l-Felâsife (Felsefenin Temel İlkeleri). tahkik: Süleyman Dünya. Trc. Cemaleddin Erdemci. İstanbul: Vadi Yayınları, 2. b., 2002. 312 s.